***“Маориф ва маданият”,***
***7 декабри 1967, саҳ. 3***

# Атоуллоҳ ва Навоӣ

Шоири классики ӯзбек Алишер Навоӣ дар инкишофи илму адабиёт ва умуман тамаддуни асри худ саҳми босазое гузоштааст. Танҳо ҳаминро нишон додан кифоят аст, ки дар асри XV ва ибтидои асри XVI даҳҳо шоирону нависандагон, олимону таърихшиносон, мусиқидонону рассомон ба туфайли ёриву ғамхориҳои моддӣ ва маънавии Навоӣ ба камол расидаанд.

Яке аз чунин мардони бузург, ки дар паноҳи лутфу меҳрубониҳои Навоӣ парвариш ёфтаанд, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ (вафоташ соли 1513) мебошад.

Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ кист? Дар таърихи маданияти мо чӣ мақом дорад?

Ин шахс, пеш аз ҳама олими забардасти адабиётшинос аст. Афкори адабию эстетикии ӯ дар тараққиёти адабиёти мо роли калоне бозидааст. Ин шахс шоири соҳибистеъдод низ будааст. Шоирии ӯро донишмандони адабиёт таъкид кардаанд. Порчаҳои боқимондаи ашъораш ҳам инро гувоҳӣ медиҳанд. “Бо вуҷуди донишмандӣ, - менависад Алишер Навоӣ дар маҷлиси чоруми «Маҷолис-ун-нафоис», - инчунин дар шеъру муаммо ва саноеъ маҳорат пайдо кард. Дар муаммо бештар машғул мешуд...». Навоӣ дар санъати мақлуби муставӣ, ки ба таъбири ӯ, «аз он мушкилтар санъате вуҷуд надорад», як байти Атоуллоҳро оварда чунин таъриф кардааст: «Ба диққати табъи ӯ (Атоуллоҳ) ин байт далели бас аст» ...

Атоуллоҳ дар бораи санъатҳои бадеӣ «Бадоеъ-ус-саноеъ» ном асаре дорад, ки он соли 898 ҳиҷрӣ (баробари 1493 мелодӣ) бо хоҳишу ташвиқи Алишер Навоӣ таълиф ёфтааст. Муаллиф дар дебочаи асараш менависад, ки як вақте бо омузиши шеърҳои мураккаб ва ҷамъ намудани санъатҳои бадеии адабиёти тоҷику форс машғул будааст. Аммо аз набудани шароити кор ва тақозои зиндагӣ он шуғл қатъ мегардад. Баъд аз чанд сол ӯро Алишер Навоӣ аз нав ба ин кор ташвиқ мекунад.

Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ», ки он махсус ба Алишер Навоӣ бахшида шудааст, барои нишон додани бисёр санъатҳои бадеӣ, истилоҳоти адабиётшиносӣ ва ғайра аз осори тоҷикӣ-форсии Навоӣ мисолҳо овардааст. Ӯ дар осори худ ба ғайр аз шеърҳои Навоӣ ба муносибатҳои гуногун баъзе шеърҳои ба устод бахшидаашро ҳам даровардааст. Чунончӣ, ӯ «Ҳусни

тахаллус»-ро шарҳ дода, ин тариқа менависад: «Тахаллусро... дар урфи шуарой гурезгоҳ мегӯянд; ва эшон “Тахаллус он байтро мегӯянд, ки шоир ном ё лақаби худ дар он дарҷ карда бошад. Ва бар нафс, ном ё лақаби шоир, ки онро дар абёт дарҷ мекунанд, ҳам итлоқ мекунанд. Ва мисоли ҳусни тахаллус ин байт аст, ки дар гурезгоҳи қасида... воқеъ шуда».

Шеър:

*«Гаҳе чархам ба Тӯрон бурду*
*кард авқоти ман тира,*
*Гаҳе афканд дар Эрону кард*
*аҳволи ман вайрон,*
*Ҷафои чарх чун бар ман*
*гузашт аз ҳад, хирад гуфто:*
*Бирав, то дод бистонад аз*
*онҳо нойиби султон –*
*Амони мулк, амини дин,*
*амири маъдалат-оин,*
*Низомиддин Алишер – он*
*ҷаҳони донишу эҳсон».*

«Бадоеъ-ус-саноеъ» ба Навоӣ бахшида шудааст, дебоча бо номи ӯ оғоз ёфта ва хотима бо номи ҳамин шахс ба поён расидааст.

Муаллиф дар «Баҳси дуюм»-и «Хотима», ки онро «Фарҳанги мухтасари адабиётшиносӣ» номидаанд, аз ҳама охир истилоҳи «Саҳли мумтанеъ»-ро шарҳ дода, чунин мегуяд: «Саҳли мумтанеъ - шеъреро гӯянд, ки гуфтани он саҳлу осон намояд, аммо мисли он натавон гуфтан, ё гуфтан душвор бошад - монанди аксар ашъори ҳазрати устодӣ ... хуҷастафари Ҷомӣ... ва абёти туркию порсии ҳазрати худовандгорӣ (яъне: Навоӣ-Р.М.) ... ки ин китоб ба давлату ҳиммат ва эҳтимоми бандагони он ҳазрат ба итмом расид. Умеди восиқ ва раҷои содиқ аст, ки ҳазрати парвардигор солҳои бисёр ва қарнҳои бешумор ... – он мазҳари хайр аст, ва мазҳари муолиро бар сари арбоби фазлу дониш, балки ҷамеи зарроти офариниш, хусусан ин банда, ки парвардаи неъмату тарбият ва аз хок бардоштаи насими лутфу инояти он ҳазрат аст, мамдуду мабсут ва мустадом дорад, ва он ҳазратро бар маснади давлату эҳтимом ба иззату эҳтиром дошта, ҳамеша мақзӣ-юл-маром гардонад...».

Бисёр шахсон Навоиро дар ҳаёташ ва баъд аз марги ӯ низ таърифу тавсифҳо кардаанд. Муроди ин одамон асосан нишон додани бузургии

Навоист. Атоуллоҳ ҳам ӯро «парвардигор», «ҷаҳони фазлу ҳунар», «мадори давлату мулк» ва ғайра гуфтааст: Дуруст аст, ки мансабу мартабаи олӣ ва мавқеи синфии иҷтимоии Навоӣ ин ҷо ифодаи худро ёфтааст. Аммо дар чунин суханони тавсифии арбобони илму адабиёт парастори бузурги аҳли илму адаб будани Навоӣ бештар таҷассум ёфтааст.

Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ аз кумаки моддӣ ва лутфу меҳрубониҳои Навоӣ худ бевосита баҳраманд будааст. Дар ин хусус олими машҳури таърихшиноси мо - Ғиёсиддин Хондамир дар “Макорим-ул-ахлоқ” ҳикоятеро меорад, ки он ҷолиби диққат аст.

Мувофиқи нақли Хондамир, рӯзе Атоуллоҳ, ки дар айни замон мударриси мадрасаи номии Ҳирот - «Ихлосия» будааст, бо хоҷате пеши Навоӣ меояд. Маълум мешавад, ки манзилгоҳи Атоуллоҳ аз мадраса хеле дур будааст ва ӯ ҳавлие аз қарибиҳои мадрасаи «Ихлосия» ҷустуҷӯ мекардааст...

Алишер Навоӣ ба Атоуллоҳ бе пулу бе чиз сарое пешкаш менамояд, ки он аз сарои дилхоҳи худи Атоуллоҳ беҳтар буд.

Чунон ки мегӯянд, ин ҷо шарҳу эзоҳи иловати барзиёд аст...

Модом ки сурати ҳол чунин будааст, тавсифу эҳтироми Атоуллоҳ дар ҳаққи Навоӣ хеле самимӣ ва аз рӯи ҳақиқату адолат аст.

Ба ёд овардани он дустию ҳамкории авлодии фарзандони ду халқи машриқзамин басо хуш ва масарратбахш аст.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ**
номзади илмҳои филологӣ